Суратмаҷлиси №33

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 оид ба ташхиси аввалияи диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзуи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) аз 21 ноябри соли 2023.

Иштирок карданд: аз 11 нафар ҳайати аъзоёни Шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок карданд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи дидашаванда.

Рӯзнома:

Оид ба қабул намудани диссертатсияи Шарипова Фотима дар мавзуи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) (роҳбари илмӣ: Файзиев Исматилло Давлатович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ) ба ташхиси аввалия ва таъин намудани комиссияи ташхис.

Шунида шуд: ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Азизов А.А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна ба Шурои диссертатсионӣ.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ба рисолаи илмии Шарипова Фотима доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзиев Исматилло Давлатович роҳбари менамуданд. Ӯ санаи 8 сентябри соли 2023 вафот кард. Аз тарафи Шурои диссертатсионӣ мактуб № 01/6187 аз 03 ноябри 2023 ба КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди мушовири илмӣ таъин намудани доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов Абдурасул Эшбекович пешниҳод карда шуд. Аз тарафи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби ризоят 06/670 аз 20.11.2023 оиди таъин намудани профессор Сатторов А.Э. ба ҳайси роҳбари илмӣ (мушовири илмӣ) ба диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна фиристода шуд.

Баромад кард: котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Абдуллоева М.А. ба самъи ҳамагон расонид, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна (автореферат бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ, диссертатсия) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст. Ба Шарипова Фотима

Абдуфаттоевна тавсия намуда мешавад, ки ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.hgu.tj ҷойгир намояд.

Аз ҳамин лиҳоз аст, барои қабул намудани диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

Қарор карда шуд:

1. Дар асоси мактуби ризоятии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 06/670 аз 20.11.2023 ба ҳайси роҳбари илмӣ (мушовири илмӣ) ба диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна профессор Сатторов А.Э. таъин карда шавад.
2. Диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзуи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) (роҳбари илмӣ(мушовири илмӣ): профессор Сатторов Абдурасул Эшбекович) ба ташхиси аввалия ва таъин намудани комиссияи ташхис қабул карда шавад.
3. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

1. Исломов Озод Азимович - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раис;
2. Олов Саидмаҳмад - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзо;
3. Камолова Муаззам Файзуллоевна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзо.

Қарор кабул карда шуд: тарафдор 8 нафар, зид ва бетараф нест.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D КОА 046-и назди МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
профессор Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович

Котиби илмии
Шурои диссертатсионии
6D КОА 046-и назди МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои педагогӣ,
дотсент Абдуллоева Меҳриниссо Абдугаппоровна

Имзоҳои А.А. Азизов ва М.А. Абдуллоеваро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Наврузов Э. М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС